«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
и.в. ректори МДТ-и
«Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба
номи академик Б.Ғафуров
профессор Раҳимов А.И.
«_29_» _____ 2022

ХУЛОСАИ
ШУРОИ ОЛИМОНИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ»

Диссертатсияи Ҷӯраева Сарвиноз Бобоқуловна таҳти унвони «Вижагиҳои маъноиву сохтории воҳидҳои фразеологӣ дар таърихномаҳои садаҳои X-XIII» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯи ихтисоси 10.02.01 - Забони тоҷикӣ дар кафедраи забон ва адабиёти тоҷики факултети забонҳои шарқи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ба анҷом расидааст.

Мушовири илмӣ: Ҳасанзода Абдуҷамол Ашраф – доктори илми филология, профессори кафедраи забони тоҷикии факултети филологияи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров».

Диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи муштараки кафедраҳои забони тоҷикии факултети филологияи тоҷик ва кафедраи забон ва адабиёти тоҷики факултети забонҳои шарқи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» баррасӣ ва муҳокима гардида, аз таърихи 12.01.2022, қарори №6 ба ҳимоя тавсия шудааст.

Шурои олимони факултети забонҳои шарқ диссертатсияи Ҷӯраева Сарвиноз Бобоқуловнаро таҳти унвони «Вижагиҳои маъноиву сохтории воҳидҳои фразеологӣ дар таърихномаҳои садаҳои X-XIII» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯи ихтисоси 10.02.01 - Забони тоҷикӣ бо ширкати муқарризон – доктори илми филология, профессор, мудири кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино Қосимов Олимҷон Ҳабибович ва доктори илми филология, дотсенти кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Ғаффоров Абдушукур Одинашоевич баррасӣ ва муҳокима намуданд.

Дар навбати аввал доктори илми филология, профессор Қосимов Олимҷон Ҳабибович баромад карда қайд намуд, ки дар забоншиносии

тоҷик хусусиятҳои воҳидҳои рехтаву устувор дар асоси маводи осори шоиру нависандагони муосир аз ҷиҳатҳои маъноиву сохторӣ аз ҷониби муҳаққиқони алоҳида ба таври муфассал таҳқиқ карда шудааст. Дар ин ҷода хидмати олимон Н. Маъсумӣ, Р. Ғаффоров, Ҳ. Маҷидов, Р. Саидов, Т. Шокиров, М. Мирзоева калон аст, вале чунин таҳқиқот дар заминаи маводи осори хаттии асримиёнагӣ ба истиснои пажуҳиши Р. Эгамбердиев ва баъзе мақолот то имрӯз ба таври муфассал ба мушоҳида намерасад. Аз ин ҷиҳат мавзӯи интихобкардаи Ҷӯраева Сарвиноз Бобоқуловна мубрам ҳисобида шуда, он яке аз иқдомҳои аввалин дар омӯзиши хусусиятҳои маъноиву сохтори воҳидҳои фразеологӣ дар осори таърихии асрҳои X-XIII ба шумор меравад.

Мазмуну муҳтавои диссертатсия ба ихтисоси 10.02.01-Забони тоҷикӣ мувофиқ аст.

Аз мутолиаи диссертатсия маълум мешавад, ки он аз муқаддима, шаш боб, хулоса, феҳристи осори таҳқиқӣ ва ихтисораҳо иборат аст.

Дар муқаддима аҳаммияти мавзуъ, дараҷаи омӯхташавии он, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, усули таҳқиқ, сарчашмаи маводи гирдомада, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда ва монанди инҳо арзёбӣ карда шуда, муаллиф нишон додааст, ки аксари муҳаққиқон истифолаи воҳидҳои фразеологии осори шоиру нависандагони муосиру гузаштаро ё дар қатори хусусиятҳои дигари забонии онҳо, ё ба таври алоҳида ҳадафи таҳқиқ қарор додаанд.

Дар се фасли боби аввал Ҷӯраева С. Б. диққати худро ба таҳаввулоти сабки баён дар таърихномаҳои форсӣ-тоҷикӣ дар муддати қариб дувуним ҳазор сол (аз замони Ҳахоманишиён ва асри XIII) равона намуда, дараҷаи истифодаи воҳидҳои фразеологиро дар сангнавиштаҳои Ҳахоманишӣ, осори хаттии давраи Сосониён ва асрҳои X-XIII нишон додааст ва ба хулосае омадааст, ки ҳар чӣ қадар аз даврони қадим ба замони баъдӣ наздик шавем, бо истифодаи бештари чунин захираҳои луғавии забон рӯ ба рӯ мегардем. Муаллиф барои таҳвияти фикраш аз осори ҳар се даврон далелҳои мушаххас оварда, ба ин восита таҳаввули забони ниёгонамонро дар мисоли истифодаи таркибу ибораҳои рехтаву устувор инъикос намудааст.

Ду фаслу чор зерфасли боби дуюми рисола фарогири масъалаи мансубияти забонии вожаҳои таркиби воҳидҳои фразеологии соматикӣ аст ва мақсади муаллифи диссертатсия аз ин боб нишон додани нақши калимаҳои ифодакунандаи узви инсону мавҷудоти дигар дар ташаккули воҳидҳои фразеологие аст, ки дар таърихномаҳои асрҳои X-XIII ба кор рафтаанд.

Дар натиҷаи ҳаллу фасли ин ҷиҳати масъала муаллиф ба хулосае омадааст, ки аз ҳама бештар дар таркиби ин гуна захираҳои луғавии

забон калимаҳои соматикии *дил* (53 адад), *даст* (23 адад), *чашм* (23 адад), *сар* (18 адад), *забон* (13 адад) ба кор рафта, вожаҳои дигар, мисли *рӯй* (7 адад), *дандон* (4 адад), *ангушт* (3 адад), *мӯй* (2 адад), *пушт* (2 адад), *пой* (1 адад), *андом* (1 адад), *миён* (1 адад) кам дида мешаванд.

Ҳамчунин диссертант муайян намудааст, ки дар осори таърихии садаҳои X-XIII назар ба воҳидҳои фразеологии номӣ навъи феълии онҳо зиёд мавриди истифода қарор гирифта, дар қиёс бо таркибҳо ибораҳо бештаранд ва ба истиснои ҳолатҳои алоҳида аксари вожаҳои дигари таркиби чунин таъбирҳоро калимаҳои аслии тоҷикӣ дар бар мегиранд.

Дар боби сеюми рисола, ки аз ду фаслу шаш зерфасл иборат аст, баръакси боби дуюм муаллиф дар назди худ мақсад гузоштааст, ки мансубияти забонии вожаҳои таркиби воҳидҳои фразеологии ғайрисоматикиро ҳадафи таҳлили худ қарор диҳад.

Аз таҳлили ин масъала Ҷӯраева С. Б. ба хулосае омадааст, ки ин навъи таъбирҳо низ аз нигоҳи сохтор ба ду навъ: таркибҳо ва ибораҳо ҷудо шуда, вожаҳои таркиби бештари онҳоро калимаҳои аслии тоҷикӣ дар бар мегиранд ва унсурҳои иқтибосӣ монанди калимаҳои портӣ ва арабӣ кам мушоҳида мешаванд. Аз ҳисоби оморӣ муаллиф ба ин натиҷа расидааст, ки теъдоди умумии чунин таъбирот наваду нӯҳ адад буда, аз байни онҳо чилу шаш ададашон дар давраи ҳозираи инкишофи забони тоҷикӣ аз истифода хориҷ шудаанд.

Дар як ё чанд мувозӣ дучоргардии воҳидҳои фразеологӣ дар таърихномаҳои ин давра мазмуну муҳтавои боби 4-умро дар бар мегирад. Ин боб аз панҷ фасл иборат буда, дар онҳо муаллифи рисола се намуди вариантнокӣ: савтӣ (фонетикӣ), луғавӣ ва сарфиро (морфологӣ) баррасӣ намудааст ва аз таҳлили онҳо ба хулоса омадааст, ки аз байни онҳо дар нисбати навъи савтӣ хелҳои луғавӣ ва сарфӣ дар ин гуна осори таърихӣ зиёдтар дучор мегарданд.

Муаллиф дар пайдошавии навъи мувозиҳои луғавӣ нақши калимаҳои ба исм, сифат, зарф, феъл ва монанди инҳоро таъкид намуда, дар зуҳури қаринаҳои сарфӣ нақши бештар доштани пешванду пасвандҳои шаклсозу калимасоз, инчунин пешоянду пайвандакҳоро махсус қайд намудааст.

Панҷ фасли боби панҷум фарогири масъалаи хусусияти ҳаммаъноӣ зоҳир кардани унсурҳои луғавиро дар бар гирифта, дар онҳо муаллифи диссертатсия дараҷаи корбурди калима, таркиб ва ибораҳои рехтаи ҳаммаъно ё наздикмаъноро ба риштаи таҳлил кашидааст.

Дар ҷараёни таҳлил муаллиф таваҷҷуҳи бештари худро ба истифодаи воҳидҳои фразеологии дар ифодаи маргу қатл истифодашуда равона карда, ошкор намудааст, ки вожаҳои таркиби чунин таъбирот ҳам аз калимаҳои аслии тоҷикӣ ва ҳам иқтибосии арабӣ фароҳам омадаанд.

Дар натиҷаи қиёси даврони истифодаи ин гуна воҳидҳои забон Ҷӯраева С. Б. ба чунин натиҷа омадааст, ки як қисми ин гуна таъбирҳо то имрӯз низ дар забони тоҷикӣ истифода мешаванд, вале боз онҳое низ вуҷуд доранд, ки дар даврони баъдӣ, аз ҷумла ҳоло аз таркиби луғавии забони тоҷикӣ хориҷ шудаанд.

Таърихномаҳои садаҳои X-XIII дар қатори дигар осори даврони асримиёнагӣ махзани муҳимми калимаву таркиб ва ибораҳои нодир ба шумор мераванд. Ин аст, ки муаллифи диссертатсия се фаслу се зерфасли боби шашумро ба корбурди воҳидҳои фразеологии нодир бахшидааст. Чунин таъбиротро аз рӯйи дараҷаи нодирии худ муаллиф ба се навъ ҷудо менамояд: 1) Воҳидҳои фразеологии дар фарҳангномаҳо шарҳёфта; 2) дар фарҳангномаҳо зикрнагардида; 3) воҳидҳои фразеологии аз забони арабӣ тарҷумагардида.

Маълум мешавад, ки дар чунин осори асримиёнагӣ дар ҳама ё баъзеи онҳо таъбироте ба кор рафтаанд, ки аз ҳеҷ фарҳангнома пайдо кардани онҳо ғайриимкон аст.

Ҳамин тавр, диссертант вазифаҳои дар назди худ гузоштаро иҷро кардааст, нуктаҳои ба дифоъ пешниҳодшударо ҳаллу фасл намудааст, воҳидҳои фразеологии ҳар як таърихномаро бо ҳамдигар қиёс кардааст, онҳоро бо забони адабии ҳозираи тоҷик низ муқоиса намудааст.

Навоварии таҳқиқоти Ҷӯраева С. Б. дар он зоҳир мешавад, ки вижагиҳои корбурди воҳидҳои фразеологӣ, хусусиятҳои маъноиву сохтории онҳо дар асоси маводи таърихномаҳои садаҳои X-XIII бори аввал дар забоншиносии тоҷик ҳаллу фасл гардида, нақши забони чунин осор дар такомули таркиби луғавии забон ошкор карда шудааст.

Автореферат бо муҳтавои диссертатсия мувофиқ буда, он, монография ва мақолаҳои нашркардаи муаллиф мазмуни рисоларо пурра ифода мекунанд.

Аммо дар рисолаи мавриди муҳокима дар баробари комёбиҳо боз баъзе мавридҳои баҳсталаб, иштибоҳҳо ба мушоҳида мерасанд, ки ислоҳ шудани онҳо боиси хуб шудани сифати диссертатсия ҳоҳад гардид:

1. Дар рисола, пеш аз ҳама, баъзе ғалатҳои имлоӣ, китобат ва услубӣ дида мешаванд. Ба диссертант зарур аст, ки навишти баъзе калимаҳоро ба имлои нави тоҷикӣ мутобиқ намуда, баъзе ғалатҳои китобат ва услубиро, ки мо дар саҳифаҳои рисола ишора намудем, ислоҳ намояд.
2. Баъзе бандҳои мукаддимаи диссертатсияро ба Низомномаи нав мувофиқ намудан зарур аст.
3. Ба назари ман, бобҳои дуюм ва сеюми диссертатсияро муаллиф муттаҳид намояд, беҳтар аст. Бояд гӯям, ки дар ҳамин шакл низ он дуруст аст, аммо онҳоро якҷоя ҳам кардан мумкин аст.
4. Рақами баъзе осори илмии истифодакардаи муаллиф бо рақами дар феҳристи осори истифодашуда мувофиқат намекунад.

5. Дар боби сеюми диссертатсия Ҷӯраева С. Б. баъзе феълҳои таркибии номиро ҳамчун воҳидҳои фразеологӣ маънидод кардааст, ки шубҳанок аст.
6. Баъзе мисолҳо дар бобҳои сеюму шашум такрор щудаанд, ки онҳоро ислоҳ бояд кард.
7. Номи баъзе бандҳои диссертатсия бо автореферат мувофиқ нест. Масалан, фасли 5.4. дар рисола дар шакли "Зикри марг бо ёрии ИР" омадааст, вале дар автореферат ба гунаи "Ифодаи марг бо ёрии ИР" зикр гардидааст. Онҳоро ҳамгун кардан зарур аст.

Албатта, чунин камбудиҳо характери ҷузъӣ дошта, онҳо зуд ислоҳшаванда ҳастанд.

Дар маҷмуъ диссертатсияи Ҷӯраева Сарвиноз Бобоқуловна дар мавзуи "Вижагиҳои маъноиву сохтории воҳидҳои фразеологӣ дар таърихномаҳои садаҳои X-XIII" тадқиқоти анҷомёфта маҳсуб гардида, ҷавобгӯ ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ аст.

Баъдан зимни баромади хеш доктори илми филология, дотсент Ғаффоров Абдушукур Одинашоевич изҳор кард, ки рисолаи мавриди назар, ки аз ҷониби унвонҷӯ Ҷӯраева Сарвиноз Бобоқуловна анҷом ёфтааст, ба мавзуи хеле муҳим ва таҳқиқношуда – хусусиятҳои сохториву маъноии воҳидҳои фразеологияи осори таърихии садаҳои X-XIII бахшида шудааст. Муаллифи рисола дар доираи шаш боб ва 21 фаслу 15 зерфасл, мавзуи интихобшударо ҷамъбаст намудааст. Дар бобҳои рисола ӯ вижагиҳои маъноиву сохтории ВФ-и осори даврони тоисломӣ, таърихномаҳои бо форсӣ-тоҷикӣ эҷодгардида ва тарҷумагардидаи садаҳои X-XIII-ро ба риштаи таҳлил кашида, кӯшиш ба харҷ додааст, ки умумияту тафовути забон ва услуби чунин осор дар мисоли корбурди ВФ нишон дода шавад, вуҷуд доштани захираҳои нодири ВФ дар осори таърихии даврони мазкур ошкор карда шавад, нақши вожаҳои соматикиву ғайрисоматикии аслии тоҷикӣ ва иқтибосӣ ҳамчун унсурҳои меҳварӣ муайян карда шуда, бартарӣ доштани ВФ-и дар заминаи вожаҳои аслии тоҷикӣ зуҳуркарда собит гардад. Муаллифи ба назарияҳои навтарини илми забоншиносӣ такя намуда, вобаста ба мавзуи тадқиқгардида мавқеи илмии худро муайян кардааст.

Дар баробари натиҷаҳои арзишманд ва дастовардҳои назаррас ба назари эътибор гирифтани баъзе нуктаҳои зер барои боз ҳам боло бурдани сифати илмию назарии диссертатсия аз манфиат холӣ нахоҳад буд:

1. Номи бархе аз фаслу зерфаслҳо дар мундариҷаи рисола зикргардида ба моҳияти кор мувофиқат намекунад (ниг. фаслу зерфаслҳои

1.3; 2.2.2; 4.5; 5.3; 5.4). Масалан, муаллиф дар номгузории зерфасли боби дувум (2.2.2) чун дигар фаслҳо ба иштибоҳ роҳ додааст. Дар мундарича "Зуҳури мувозӣ бо тағйири пешояндҳову пайвандакҳо зикр шудааст, аммо дар матн "Зуҳури мувозӣ бо пешояндҳову пайвандакҳо (саҳ.117) омадааст. Ё ин ки дар мундарича "Зикри марг бо ёрии таркибҳо", вале дар матн бошад, "Ифодаи марг бо ёрии таркибҳо" омадааст. Чунин номувофиқатӣ дар фаслу зерфаслҳои дар фавқ зикршуда низ мушоҳида мешаванд.

2. Норасоии дигари диссертатсия дар он аст, ки баъзе нуктаҳои асосии барои дифоъ пешниҳодшаванда бо нақшаи кории диссертатсионӣ айнияти доранд. Хуб мешуд, ки нуктаҳои муҳимтарини аз таҳқиқи ҳосилшуда дар шакли фишурда ифода меёфтанд.

3. Дар номбар кардани олимон муаллиф ба духӯрагӣ роҳ дода, дар баъзе маврид сараввал насаби олимон ва баъдан номи онҳоро зикр намудааст, аммо дар баъзе ҳолат аввал номи олимон ва сипас насаби онҳоро қайд кардааст (ниг.с.5). Ҳол он ки дар матни диссертатсия нахуст номи олим ва баъди он насаби ӯро овардан ҷоиз аст.

4. Дар диссертатсия маводи фаровон аз таърихномаҳои садаҳои X-XIII мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Дар мавриди ба тариқи муқоиса таҳқиқ намудани маводи ҷамъоваришуда бо давраҳои дигари забони тоҷикӣ натиҷагириҳои муаллифро боз ҳам беҳтару ҷолибтар намуда, арзиши илмию амалии рисоларо ба таври назаррас боло мебурд.

5. Дар қисматҳои ҷудогонаи диссертатсия, ки ба таҳлили маводи фаровони ВФ-и давраи таҳқиқ бахшида шудааст, таваҷҷуҳ ва такя ба фарҳангу луғатҳои соҳавӣ ва дигар манобеи илмию амалӣ камтар сурат гирифтааст.

6. Дар саҳифаҳои гуногуни диссертатсия ғалатҳои имлоӣ (с. 4, 5, 6, 7, 8, 9, 12, 14, 18, 23, 28, 33, 40, 41, 46, 53, 54, 55, 56, 67...), услубию китобатӣ (с. 6, 8, 9, 13, 14, 15, 24, 67) ва техникӣ (с. 9, 18, 22, 26, 39, 40) ба назар мерасанд.

7. Ҳамин гуна ғалатҳои дар боло зикршуда дар саҳифаҳои автореферати диссертатсия низ дида мешаванд.

Тазаккур гардид, ки нуқсонҳои фавқуззикр арзиши илмии таҳқиқотро халалдор карда наметавонанд. Диссертатсияи Ҷӯраева С.Б. кори илмии комилан анҷомёфта буда, дар сатҳи зарурии ҷавобгӯ ба талаботи корҳои илмӣ - таҳқиқотӣ таълиф шудааст.

Котиби Шурои факултети забонҳои шарқ, дотсент Р. Содиқова ҳозиринро бо тақризи ба автореферати диссертатсия навиштаи доктори илми филология, профессори кафедраи забони адабии муосири тоҷикии ДМТ Ҳ. Маҷидов ва номзади илми филология, дотсент, мудири

кафедраи забони адабии муосири тоҷикии ҳамин Донишгоҳ Ҳ. Дӯстзода шинос кард. Дар тақриз баробари зикр шудани муҳассаноти таҳқиқот инчунин панҷ эроди муқарризон ба таври зерин омадааст:

1. Қисматҳои таркибии муқаддимаи фишурда вобаста ба талаботи навтарини КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷдиди назар мехоҳанд.
2. Номи боби панҷуми рисола бояд дар шакли "Воҳидҳои фразеологии муродифӣ дар таърихномаҳои садаҳои X-XIII" оварда шавад, зеро истилоҳи "муродифоти воҳидҳои фразеологӣ" мафҳуми мазкурро пурра ифода карда наметавонад.
3. Аз чӣ бошад, ки дар фаслҳои дуюм, сеюм, чорум ва панҷуми рисола танҳо ифодаи мафҳумҳои маргу қатл бо ёрии калимаҳо, таркибҳо ва ибораҳои фразеологӣ таҳлил шудааст.. Дар ин маврид суоле пайдо мешавад, ки оё дигар мафҳумҳо во намехӯранд?
4. Дар фишурда баъзан феълҳои таркибӣ ҳамчун воҳиди фразеологӣ маънидод карда шудаанд. Чунончи, ҳимоят кардан, хушҳол кардан, дилмашғулӣ будан, дилтанг будан, рост шудан ва монанди инҳо.
5. Фишурда аз ғалатҳои имлоиву китобат ва техникӣ орӣ нест.

Дар охир муқарризон зикр намудаанд, ки "ба эродҳои зикршуда нигоҳ накарда, фишурда муҳтавои асосии рисоларо дар бар гирифта, муаллиф тавонистааст дар заминаи маводи фаровони илмию назарӣ ба ҳалли ниҳоии мавзуъ даст ёбад. Бо боварии комил метавон гуфт, ки рисолаи Ҷӯраева Сарвиноз Бобоқуловна зери унвони "Вижагиҳои маъноиву сохтории воҳидҳои фразеологӣ дар таърихномаҳои садаҳои X-XIII" кори баанҷомрасида буда, ба ҳимоя пешниҳод карда мешавад".

Дар қисмати саволу ҷавоб профессорон Ваҳобов Т., Шокиров Т., Ғаффорова У., дотсентон Ғиёсов Н., Олимҷонов М. иштирок намуда, ба саволҳои худ ҷавоби қонеъкунанда гирифтанд.

Дар қисмати муҳокима профессор Ваҳобов Т. баромад намуда, аз ҷумла, таъкид кард, ки таҳқиқоти анҷомдодаи Ҷӯраева С. Б. дар забоншиносии тоҷик аҳаммияти баландро доро мебошад.

Ҳамин тариқ, вобаста ба баромади муқарризон – доктори илми филология, профессор Қосимов О. Ҳ. ва доктори илми филология, дотсент Ғаффоров А. О., инчунин тақризи ба автореферат навиштаи доктори илми филология, профессори кафедраи забони адабии муосири тоҷикии ДМТ Ҳ. Маҷидов ва номзади илми филология, дотсент, мудири кафедраи забони адабии муосири тоҷикии ҳамин Донишгоҳ Ҳ. Дӯстзода Шурои олимони факултети забонҳои шарқ нисбат ба ҳусну қубҳи илмии диссертатсияи Ҷӯраева С. Б. ба чунин **хулоса** омад:

Ҳадафи пажуҳиши мазкур ба риштаи таҳлил кашидани вижагиҳои маъноиву сохтории ВФ-и таърихномаҳои садаҳои X-XIII буда, кӯшиш ба

харҷ дода шудааст, ки умумияту тафовути забон ва услуби чунин осор дар мисоли корбурди унсурҳои рехтаву устувор нишон дода шавад, вуҷуд доштани захираҳои нодири ВФ дар осори таърихии даврони мазкур ошкор карда шавад, нақши вожаҳои алоҳида ҳамчун унсурҳои меҳварӣ ё суробсоз муайян карда шавад.

Муҳаққиқ қайд менамояд, ки дар забоншиносии тоҷик дар масъалаи омӯхтан ва баррасӣ намудани хусусиятҳои маъноиву сохтории ВФ-и дар захираи луғавии забони тоҷикӣ мавҷуда то имрӯз осори таҳқиқии судманд сурат гирифта, дар ин замина рисолаҳои фаровони илмии номзадиву докторӣ ба дифоъ расидаанд.

Дар чунин пажуҳишҳо аҳли таҳқиқ кӯшиш ба харҷ додаанд, ки услуби нигориши адибони муосирро дар мисоли корбурди ВФ нишон дода, умумияту тафовути онҳоро ошкор созанд ва ба ин васила хидмати ҳар кадом нависандаву шоирро дар ривоҷи забони тоҷикӣ инъикос намоянд, вале чунин иқдом дар асоси таълифоти аҳли илму адаби даврони асримиёнагӣ, ба хусус таърихномаҳои садаҳои X-XIII пеш гирифта нашудааст. Маҳз ҳамин вазъи омӯзиши масъалаи зикргардида муаллифро водор намудааст, ки даст ба муайян намудани вижагиҳои корбурди таркибу ибороти рехтаи осори таърихии қарнҳои X-XIII зада, нақши ҳар кадом муаллиф ё мутарҷими таърихномаҳоро дар инкишофи забони адабии тоҷикӣ нишон диҳад.

Диссертант барои ба **мақсаду ҳадафҳои** худ ноил шудан ҳаллу фасли вазифаҳои зеринро муҳим мешуморад:

-таҳқиқи масъалаҳои назариявии марбут ба вижагиҳои истифодаи ВФ дар осори таърихии асрҳои X-XIII;

-нишон додани нақши вожаҳои суробсози соматикиву ғайрисоматикии таркиби ВФ дар бунёди чунин захираҳои луғавии забон;

-муайян кардани умумияту тафовути ВФ-и осори таърихии садаҳои X-XIII аз даврони баъдии инкишофи забони адабии тоҷикӣ, ба хусус замони ҳозира;

-муайян намудани сохтори ВФ-и дар таърихномаҳои қарнҳои X-XIII мавҷуда;

-нишон додани таносуби истифода гардидани ВФ-и номӣ ва феълӣ дар чунин осор;

-баррасӣ намудани усулҳои зуҳури мувозии ВФ ва муайян кардани навъҳои онҳо аз рӯи таҳаввулоти овозиву луғавӣ ва унсурҳои грамматикии таркиби онҳо;

-қиёс намудани дараҷаи корбурди хелҳои гунаҳои фразеологӣ дар осори таърихии даврони номбурда;

-нишон додани нақши овозҳои алоҳида дар пайдогардии гунаҳои овоӣ, ивази вожаҳо дар зуҳури мувозиҳои луғавӣ ва ширкати унсурҳои сарфӣ дар ташаккули қаринаҳои морфологӣ;
-ошкорнамоии вижагиҳои корбурди унсурҳои рехтаи муродифӣ дар таърихномаҳои асрҳои X-XIII;
-муайян намудани силсилаи ВФ-и муродифмаъно;
-баррасӣ кардани ВФ-и нодир дар таърихномаҳои даврони мавриди таҳлил;
-ошкор кардани теъдоди ВФ-и дар фарҳангномаҳо шарҳёфта; ВФ-и танҳо дар осори муаллифони алоҳидаи садаҳои X- XIII мустаъмал; фақат дар таърихномаҳои ин даврон вуҷуддошта; дар осори ҳама даврон мустаъмал; ВФ-и дар фарҳангномаҳо зикрнашуда;
-нишон додани дараҷаи корбурди ВФ-и нодири осори таърихии асрҳои X- XIII;
- баррасӣ намудани вижагиҳои маъноиву сохтории ВФ-и аз забони арабӣ тарҷумагардида.
Зимни тадқиқи диссертатсия пажуҳишу тадқиқоти забоншиносони ватанию хориҷӣ, ба монанди В. В. Виноградов, Н. М. Шанский, В. П. Жуков, А. А. Кунин, Ю. А. Рубинчик, Д. О. Добровольский , Е. И. Дибирова, Г. С. Голева, И. Г. Добродомов, М. Т. Тагиев, Ю. Е. Коркина, В. Н. Телия, И. М. Мелчук, О. И. Москалская, А. К. Арендс, Л. П. Смирнова, Н. Маъсумӣ, Д. Тоҷиев, М. Н. Қосимова, Р. Саидов, Ҳ. Маҷидов, Р. Ғаффоров, Б. Камолиддинов, Б. Сиёев, Д. Хоҷаев, Х. Ҳусейнов, С. Ҳалимов (Ҳалимиён), С. Сабзаев, Д. Саймиддинов, Т. С. Шокиров, М. Мирзоева, М. Баҳор, П. Н. Хонларӣ, К. Сафавӣ, Х. Фаршедвард, С. Шамисо, З. Саҷҷодӣ, Э. Табарӣ, Ғ. Юсуфӣ ва дигарон ба эътибор гирифта шудааст.
Навгонии илмии диссертатсия аз он иборат аст, ки дар диссертатсияи мазкур бори аввал дар забоншиносии тоҷик масъалаи вижагиҳои маъноиву сохтории ВФ-и таърихномаҳои садаҳои X-XIII ба риштаи таҳлил кашида шуда, нақши муаллифону мутарҷимони осори таърихӣ дар инкишофи таркиби луғавии забон нишон дода шудааст. Ҳамзамон дар асоси маводи фаровони забонии чунин таърихномаҳо кӯшиш ба харҷ рафтааст, ки маъхази муҳимми унсурҳои рехтаву устувор маҳсуб гардидани ин гуна осор ба субут расонида шуда, умумият ва тафовути забонии ҳар кадом таърихномаҳои мавриди омӯзиш дар мисоли истифодаи ВФ муайян карда шавад.

Дар ҷараёни баррасии масъалаи мазкур кӯшиш шудааст, ки дараҷаи робитаи забони осори таърихии садаҳои тазаккурёфта бо забони адабии ҳозираи тоҷикӣ ошкор карда шуда, ба ин васила то кадом

андоза ба таҳаввулот дучоргардии забон дар масири таърих муайян карда шавад.

Аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии тадқиқот. Натиҷаҳои илмии пажуҳиш имкон дорад, ки дар забоншиносӣ баҳри кушода шудани гиреҳи муаммоҳои дар бахши фразеологияи таърихӣ ҷойдошта мусоидат намояд. Нуктаҳои дар диссертатсияи мазкур ироагардида метавонад барои анҷом додани корҳои илмӣ-таҳқиқотии марбут ба решашиносии ВФ мадад расонад. Инчунин маводи аз таърихномаҳои садаҳои X-XIII гирдомадаро метавон барои таълифи китобҳои дарсии академӣ ва донишгоҳии таърихи забони адабии тоҷикӣ, ба хусус фразеологияи таърихии даврони зикргардида ба кор бурд.

Муаллиф масъалаҳои зеринро барои ҳимоя пешниҳод кардааст:

- маводи аз таърихномаҳои садаҳои X-XIII гирдомада гувоҳи он аст, ки муаллифону мутарҷимони онҳо дар радифи огоҳии хуб доштан аз таърихи ниёгон, воқиф будан аз масоили баррасикунандаашон, дар ихтиёр доштани асноду далелҳо боз маҳорати калони ифодаи матлабро бо истифодаи мавридшиносонаи калимаву ибора соҳиб будаанд. Ин аст, ки чунин осори таърихӣ фақат аз зикри факту рақам иборат набуда, дар онҳо воқеаву ҳодиса бо истифода аз забони ноби форсӣ-тоҷикӣ ба қалам оварда шудаанд ва дар натиҷа забони баёни ин гуна осор боиси ба хурӯш омадани дили хонанда ва болида гардидани рӯҳаш мегардад.
- дар чунин таърихномаҳо бакоргирии унсурҳои ба эҳсос таъсиркунанда дар як поя қарор надошта, дар як асари таърихӣ бештар ва дар дигаре камтар аст. Ин аст, ки баёни бархе аз муаллифони осори таърихӣ басо ҷаззоб, аммо дигаре камтар таваҷҷуҳро ба худ мекашад.
- яке аз усулҳои ҷаззобу дилнишин баён намудани матлаб аз тарафи муаллифон ё мутарҷимони таърихномаҳои асрҳои X-XIII корбурди воҳидҳои рехтаву устувор ба шумор рафта, маҳз истифодаи фаровони онҳо боиси зебову рангоранг баён гардидани матлаб шудааст.
- аз назари таҳлил гузаронидани кулли унсурҳои рехтаи осори таърихии даврони мазкур ва қиёсашон бо таълифоти қарнҳои баъдӣ, ба хусус имрӯза нишон медиҳад, ки тақдири онҳо ба таври якранг сурат нагирифта, қисме дар тӯли ҳазорсола бидуни дигаргунии шаклу маъно пойдор мондаанд, гурӯҳе як даврони муайян ба кор рафта, баъдан аз доираи истифода хориҷ шудаанд ва ҳиссае бо вуҷуди то ҳол дар забони тоҷикӣ гардиш доштанашон ба таҳаввулоти маъно дучор гардидаанд.
- вожаҳои таркиби силсилаи калони чунин унсурҳои рехта мансуб ба забони тоҷикӣ буда, баробари он дар бархе аз онҳо корбурди калимаҳои забонҳои дигари эронӣ ё бегона, ба хусус арабӣ ба мушоҳида мерасад.
- дар таркиби ҳиссаи калони унсурҳои рехтаи таърихномаҳои қарнҳои X-XIII вожаҳои соматикӣ ҳамчун унсурҳои меҳварии ифодаҳои устувор

ба кор рафта, баъзеяшон дар ин вазифа хеле фаровон ва бархе камистеъмоланд.
- дастаи калони ВФ-и дар таърихномаҳо сабтшуда ва дар забони адабии муосири тоҷикӣ мавҷуда танҳо дар як шакли мушаххас мавриди истифода қарор гирифтаанд, вале гурӯҳе аз онҳо дар осори таърихӣ дар ду ё беш аз он гуна мустаъмаланд, вале имрӯз дар як шакли мушаххас гардиш доранд ё, баръакс, дар таърихномаҳои ин даврон дар як шакли мушаххас ба кор рафта, дар давраи ҳозира хусусияти сермувозигиро касб кардаанд.
- ғаномандии забони осори таърихии даврони мавриди таҳлилро аз ин нукта метавон дарк кард, ки силсилае аз онҳо дорои муродифҳои фаровон буда, маҳз ба туфайли истифодаашон забони ин гуна осор хеле пуробуранг, диққатҷалбкунанда гардида, ҷазаботи ба худ хосро соҳиб шудааст.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои ба табъ расонидаи муҳаққиқ муҳтавои рисоларо комилан инъикос менамоянд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар як монография ва 25 мақолаи муаллиф, ки аз байни онҳо 15 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд, инъикос ёфтааст:

[1-М]. Мавқеи ибораҳои феълӣ дар яке аз таърихномаҳои қарни XI [Матн] // Номаи Донишгоҳ / С. Ҷӯраева. -Хуҷанд, 2019. -№1(46). -С. 129-136.

[2-М]. Бори маънӣ кашидани як вожа дар тарҷумаи “Тафсири Табарӣ” [Матн] // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ / С. Ҷӯраева. - Душанбе, 2019. -№7. -С. 25-28.

[3-М]. Усулҳои зуҳури мувозии воҳидҳои фразеологии феълӣ дар таърихномаҳои қарнҳои X-XIII [Матн] // Ахбори ДДҲБСТ / С. Ҷӯраева. - Хуҷанд, 2020. -№3(84).-С. 131-139.

[4-М]. Нақши вожаҳои соматикӣ дар зуҳури воҳидҳои фразеологии феълӣ дар тарҷумаи “Таърихи Яминӣ»-и Ҷурфодиқонӣ [Матн] / Гузоришҳои АМИТ ҶТ / С. Ҷӯраева. -Душанбе, 2020. -№4 (012). -С. 243-246.

[5-М]. Як роҳи пайдоиши мувозии воҳидҳои фразеологии феълӣ дар таърихномаҳои садаҳои X-XIII [Матн] // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ / С. Ҷӯраева. - Душанбе, 2020. -№ 5. -С. 14-18

[6-М]. Языковые особенности переводных эквивалентов лексемы «дил» («сердце») в произведение «Таърихи Табари» [Текст] // Хоразм Маъмун академияси ахборотномаси / С. Жӯраева. -Хоразм, 2020. -№ 9. -С. 171-174.

[7-М]. Нақши вожаҳои мансуб ба сифату зарф дар пайдоиши мувозиҳои воҳидҳои фразеологии феълӣ дар таърихномаҳои тоҷикии садаҳои X-XIII [Матн] // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ / С. Ҷӯраева. - Душанбе, 2020. -№6. -С. 70-73.

[8-М]. Як далели фаровонии муродифот дар тарҷумаи «Таърихи Яминӣ» [Матн] // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ / С. Ҷӯраева. -Душанбе, 2021. -№1 -С. 45-51.

[9-М]. Усулҳои зуҳури мувозии воҳидҳои фразеологии феълӣ бо як вожаи меҳварӣ дар таърихномаҳои тоҷикии қарнҳои X-XIII [Матн] // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ / С. Ҷӯраева. - Душанбе, 2021. -№ 2. -С. 22-27.

[10-М]. Воҳидҳои фразеологии феълии нодир дар таърихномаҳои садаҳои X-XIII [Матн] // Паёми Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ / С. Ҷӯраева. -Душанбе.- 2021. -№ 2 (91). -С. 134-142.

[11-М]. Мафҳуми марг ва ифодаи он дар "Таърихи Табарӣ"-и Балъамӣ [Матн] // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ -/ С. Ҷӯраева. -Душанбе, 2021. -№ 4 (93). -С. 129-131.

[12-М]. Хусусиятҳои корбурди воҳидҳои фразеологии арабӣ дар таърихномаҳои садаҳои X-XIII [Матн] // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ / С. Ҷӯраева. -Душанбе, 2021. № 4.- С. 56-64.

[13-М]. Истифодаи воҳидҳои фразеологии феълӣ бо вожаҳои аслии тоҷикӣ дар таърихномаҳои қарнҳои X-XIII [Матн] // Гузоришҳои АМИТ ҶТ. Шуъбаи илмҳои ҷамъияткиносӣ / С. Ҷӯраева. –Душанбе, 2021. З-№ 4. -С. 43-46.

[14-М]. Использование некоторых имен существительных в "Переводе "Таърихи Табари" Абуали Балъами [Текст] // Казанская наука / С. Джураева. -Казань, 2021, № 11. – С 165-167.

[15-М]. Истифодаи ибораҳои фразеологӣ бо вожаҳои аслан тоҷикӣ ва вожаҳои иқтибосии забонҳои эронӣ дар таърихномаҳои садаҳои X-XIII.// Ахбори ДДҲБСТ.- Хуҷанд, 2021. -№4(89).-С. 101-106.

Вобаста ба дастовардҳои зикршуда, Шурои олимони факултети забонҳои шарқ бо қарори №8, аз таърихи 31.03.2022 диссертатсияи доктории Ҷӯраева Сарвиноз Бобоқуловнаро таҳти унвони «Вижагиҳои маъноиву сохтории воҳидҳои фразеологӣ дар таърихномаҳои садаҳои X-XIII» кори муҳиму арзишманд арзёбӣ намуда, онро комилан анҷомёфта меҳисобад.

Диссертатсия ба талаботи корҳои илмӣ ҷавобгӯ буда, онро метавон ба баррасии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ тавсия намуд.

Иштирок доштанд: 22 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 22 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест. Суратмаҷлиси № 8-ум, аз 31-уми марти соли 2022.

Раиси Шурои олимон,
номзади илми филология,
дотсент — Раҳимов И.А

Телефон: (+992) 770-18-06
почтаи эл: usmoni1979@mail.ru

Муқарризон:

доктори илми филология,
профессор, мудири кафедраи
забони тоҷикии ДДТТ ба
номи Абуалӣ ибни Сино — Қосимов О. Ҳ.

Телефон: (+992)90-776-44-21
почтаи эл: olimjonk@yandex.ru

доктори илми филология, дотсенти
кафедраи забон ва адабиёти тоҷики
ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ — Ғаффоров А.О.

Телефон: (+992)90-106-30-68
почтаи эл: gafforovabdusukur@gmail.com

Котиби Шуро, дотсент
Телефон:(+992)92-726-00-83 — Содиқова Р. А.
почтаи эл: rukhangezsodiqova@gmail.com

Суроғa: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбекова 1.
Телефон: (+992-3422) 6-52-73, факс: (992-3422) 6-75-18
www.hgu.tg, e-mail: rektor@ hgu.tg

Имзои дотсент Раҳимов Исломро
тасдиқ менамоям.
Сардори РК ва КМ МДТ-и «ДДХ ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров» — Наврӯзов Э.М.

08 . 04 соли 2022